**Тақриз**

ба автореферати **Гадоев Шералӣ Давлатович** дар мавзӯи «Шароитҳои геоэкологии мамнӯъгоҳи Дашти Ҷум ва арзёбии зарфияти он барои рушди туризми экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология пешниҳод карда шудааст.

Мавзӯи рисолаи автореферати диссертатсионии *Гадоев Ш.Д.* аз ҷиҳати мазмун ва моҳияташ мушкилоти актуалӣ маҳсуб меёбад. Пас аз оне, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ эълон намудани "*рушди устувор*" (Саммити умумиҷаҳонӣ, Йоханнесбург, сентябр 2002), яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ *туризми экологӣ* мегардад, зеро ҳадафи асосии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ низ "рушди устувор ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ" мебошад. Дар ҳудуди кишварҳои ИМА, Австралия, Кения ва дигарҳо, экотуризм дар ҳудуди паркҳои миллӣ ва дигар намуди ҳудудҳои махсусмуҳофизатшаванда таваҷҷӯҳӣ махсус зоҳир менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ ба масоили ташаккули рушди устувор ба қарибӣ оғоз карда шуд. Давлат нақши муҳими экотуризмро дар таъмини тарбияи экологӣ ва маърифатнокии аҳолӣ, инчунин дурнамои онро ҳамчун як соҳаи бонуфуз, ки имконияти воридшавии шумораи ҳар чи зиёди сайёҳонро таъмин менамояд, дарк намуд.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025 қайд карда шудааст, ки туризм бояд дар рушди устувори иқтисодиёт тавассути пешниҳоди маблағгузории иловагӣ барои амали шудани барномаҳои ҳифз ва барқарорсозии объектҳои фарҳангӣ, мероси таърихӣ ва табиат, барномаҳои экологӣ, саҳми назаррас гузорад.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи давлатӣ дарк намудани ҲММТ ҳамчун унсури стратегӣ барои рушди туризми экологӣ зарурият коркарди аз ҷиҳати илми асоснокшудаи ташкил ва рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ дар чунин мавзеъҳо аз нуқтаи назари перспективаи амали намудани фаъолияти экотуристӣ ба миён меояд.

Мавзуи интихобкардаи *Гадоев Ш.Д.* аз лиҳози тамоми хусусиятҳои худ ҷавобгӯи тамоми бандҳои нишондодашуда мебошад. Зеро объекти таҳқиқоти диссертант, ин омӯзиши имкониятҳои табиӣ-захиравӣ ва фарҳангӣ-таърихии мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум» ҳамчун асос барои рушди туризми экологӣ маҳсуб меёбад.

Барои амали намудани ин раванди кор *Ш.Д.Гадоев* дар назди худ **максади** тахкики имкониятхои рушди туризми экологӣ дар худуди мамнуъгохи *«Дашти Ҷум»*, инчунин муайян кардани ҷанбахои таъсири мусбати он хамчун таҷрибаи иҷтимоии экологӣ дар худуди мамнуъгох тавассути такмили механизми идоракунии фаъолияти туризми экологӣ бо коркарди самтхои рушд ва роххои баланд бардоштани самаранокии он мебошад, гузоштааст.

Хангоми иҷроиши рисолаи диссертатсионӣ муаллиф хам методхо ва усулхои умумиилмӣ ва хам махсуси географӣ, географӣ-мукоисавӣ, мушохидахои экспедитсионӣ-сахроӣ, тахлил ва таҷзия, мукоиса, ҷамъбастӣ, тахлили шархӣ ва муносибати системӣ-сохторӣ истифода намуданд, ки ин сифати корро боз хам баланд менамояд.

Холатхои методологии тахкикот ба комёбихои сохахои географияи иктисодӣ ва фароғатӣ, инчунин коркардхои илмӣ оид ба масъалахои туризми экологӣ ва географияи рекреатсионии минтакавӣ асос ёфтаанд.

Дар автореферати пешниходшудаи *Ш.ДГадоев* дорои як катор навгонихои илмианд, ки онхо киммати автореферати диссертатсияро боз хам баландтар менамоянд. Аз он ҷумла:

- Дар мисоли мамнуъгохи *«Дашти Ҷум»*, бори аввал коидахои консептуалӣ оид ба туризми экологии худудхои махсусан хифзшавандаи табиии Ҷумхурии Тоҷикистон, таъсири онхо ба табиат ва умуман ба имконияти туристию дамгирӣ ва иҷтимоӣ-иктисодӣ коркард ва ҷамъбаст карда шудаанд.
- Ба коршоямии худуди мамнуъгохи *«Дашти Ҷум»*, ба туризми экологӣ, ки ба имкониятхои табиӣ-захиравӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, криминологӣ, идоракунӣ, инфрасохторӣ, инноватсионӣ, институтсионалӣ, истехсолӣ, молиявӣ, истеъмолӣ ва нишондихандахои дастрасии наклиёт ва таъминоти сохаи хизматрасонӣ асос ёфтаанд, бахои интегралӣ дода шудааст.
- Таваккалхои рушди туризми экологӣ дар худуди мамнуъгохи *«Дашти Ҷум»*, хосиятхои инвеститсионӣ, иктисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, ҷиноятӣ, конунбарорӣ, идоракунӣ ва роххои кам кардани онхо бахогузорӣ шудааст.
- Самаранокии фаъолияти мавҷудаи туризми экологӣ дар мамнуъгохи *«Дашти Ҷум»* ва роххои баланд бардоштани он арзёбӣ гардидааст.

- Муносибатҳо нисбат ба идоракунӣ ва танзими туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи *«Дашти Ҷум»*, бори аввал коркард шудааст.
- Самтҳои афзалиятноки рушди стратегии туризми экологӣ аз нуктаи назари тамоюлоти инноватсионӣ ва иҷтимоии рушди минтақавӣ муайян карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ рисолаи пешниҳодшуда дорои сохтори мантиқӣ, рӯйхати шумораи зиёди адабиётҳои истифодабурдашуда (148 номгӯй) мебошад. Таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда имконият медиҳанд, ки чунин хулосабарои намоем.

Муаллифи дар рушди ғояҳои илмӣ ташкили фазои *туризми экологӣ* дар сатҳи миллӣ дар ҳудуди мамнӯъгоҳои Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом дода дар ташкил ва рушди самараноки туризми экологӣ дар марзи мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» саҳми беандоза гузоштааст.

Муҳтавои асосии автореферати диссертатсия ба намуди 8 мақолаи илмӣ. аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нашр расиданд.

Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки рисолаи пешниҳодшудаи *Гадоев Шералӣ Давлатович* дар мавзӯи *«Шароитҳои геоэкологии мамнӯгоҳи Дашти Ҷум ва арзёбии зарфияти он барои рушди туризми экологӣ* », тадқиқоти ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб намуда онро ҷавобгӯи талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳисоб намуда муаллифи корро сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 - геоэкология ҳисоб намоем.

**Доссенти кафедраи МТГ ва туризми**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ:** **Бегматов З.Р.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС